**С. Назарзода**

**Чанд мулоҳиза**
**оид ба сохтори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ дар робита бо беҳтар кардани пажӯҳишҳои забоншиносӣ**

Пажӯҳишҳои забоншиносӣ дар бахши таҳқиқи забони тоҷикӣ ва паҳлӯҳои гуногуни он аз масъалаҳои муҳимми на танҳо бунёдии илмӣ, балки масъалаи муҳимми давлатӣ низ мебошад. Исботи ин ақидаро мо аз таърихи таъсис ва ташаккули муассисаҳои пажӯҳишӣ оид ба забони тоҷикӣ дида метавонем. Соли 1942 дар асоси сектори таъриху забоншиносии филиали тоҷикистонии Академияи Илмҳои Иттиҳоди Шӯравӣ Институти забон, адабиёт, таърих ва этнография таъсис ёфт. Соли 1951 бо таъсиси Академияи Илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Институти мустақили забон ва адабиёт таъсис ёфт, ки он панҷ сектор дошт: секторҳои забон, луғат, адабиёти классикӣ, адабиёти советӣ ва инчунин сектори фолклор ва диалектология (лаҳҷашиносӣ). Тавре ки мебинем, аз давраи таъсиси Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон, ки соли 1933 дар базаи Академияи Илмҳои Иттиҳоди Шӯравӣ дар Тоҷикистон сектори таъриху забоншиносӣ таъсис ёфта буд, ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаҳои пажӯҳиши забони тоҷикӣ аҳамияти бузурге медод. Минбаъд бо густариши фаъолияти Институти забон ва адабиёт дар сохтори он шуъбаҳои дигар низ таъсис ёфтаанд. Даврае, ки дар таърихи даврони шӯравӣ «солҳои карахтӣ» номгузорӣ шуда буд, дар Институти забон ва адабиёт шӯъбаи мероси адабӣ, шӯъбаи помиршиносӣ, шӯъбаи истилоҳот ва имло, шӯъбаи забон ва адабиёти рус таъсис ёфт. Шумораи умумии кормандони Институти забон ва адабиёт ба 186 нафар мерасид ва дар Институти забон ва адабиёт 12 шӯъба фаъолият мекард. Имрӯз аз он дастовардҳои солҳои карахтӣ дар Институти забон ва адабиёт чизе намондааст. Дар муддати 20 сол (1990-

2010) ин шӯъбаҳо барҳам хӯрданд, бастҳои он барои таъсис додани муассисаҳои дигар ба Раёсати АИ ҶТ интиқол дода шудаанд.

Ҳарчанд дар даврони истиқлол пажӯҳишҳо дар бораи ҷанбаҳои гуногуни забони тоҷикӣ хусусияти бунёдӣ пайдо кардааст, ки сабаби асосӣ аз як тараф мақоми давлатӣ гирифтани забони тоҷикӣ буда, аз тарафи дигар сиёсати давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба забони давлатии худ ва аз ҳама муҳим таваҷҷуҳи доимии Сарвари давлат ба масъалаҳои рушди забони давлатӣ мебошад. Дар мулоқоти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо зиёиёни эҷодкор, олимон ва муҳаққиқон, ки 18 марти соли 2020 баргузор гардид, Сарвари давлат оид ба масъалаҳои гуногуни рушди илми тоҷик таваҷҷӯҳ намуда, ба масъалаҳои таҳқиқи забони тоҷикӣ ва махсусан ба мақоми илмӣ баровардани рушди забони тоҷикӣ ишора карда, боз як бори дигар ба пешниҳодҳои худ оид ба рушди забони тоҷикӣ дар суханронии хеш дар ҷашни даҳсолагии қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (моҳи октябри соли 2019) таъкид доштанд. Дар ин суханронӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба ҷанбаҳои асосии рушди забони давлатӣ дар даврони истиқлол пешниҳодҳои судманде иброз доштанд, ки аз густариши забони меъёр, ҳамгунсозии истилоҳоти забони тоҷикӣ, таҳияи дастури илмии забони тоҷикӣ, таҳияи пайкараи забони тоҷикӣ дар асоси дастовардҳои навини забоншиносии компютерӣ ва дигар масъалаҳои муҳимми рушди забони давлатӣ иборат буданд. Имрӯз, новобаста ба инкишофу рушди ҳамаҷонибаи забони тоҷикӣ дар мақоми забони давлатӣ дар таҳқиқу пажӯҳиши масъалаҳои муҳимми забони тоҷикӣ душвориву мушкилоти зиёде вуҷуд дорад, ки барои рафъи онҳо тадбирҳои мушаххаси ҷиддии сатҳи давлатӣ лозим аст.

Имрӯз барои пажӯҳиши масъалаҳои бунёдии илми забоншиносии тоҷик ва, махсусан, таҳқиқи забони тоҷикӣ дар Институти забон ва адабиёт ҳамагӣ ду шуъба: шуъбаи забон ва шуъбаи фарҳангнигорӣ ва истилоҳот амал мекунад. Ин шуъбаҳо бори асосии таҳқиқотҳои бунёдии илмиро оид ба забоншиносӣ бар дӯш доранд. Шуъбаҳои лаҳҷашиносӣ, таърихи забон, шуъбаи истилоҳот ва имлои забони тоҷикӣ, шуъбаи помиршиносӣ (қисман ба шаҳри Хоруғ интиқол ёфт ва осори ҷамъовардаи онҳо мутаасифона интиқол наёфта аз байн рафт) барҳам хурданд. Ҳоло ки масъалаҳои таҷдиди сохтори муассисаҳои Академияи Илмҳо бо пешниҳоди Пешвои миллат - Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баррасӣ мешавад, хуб мешуд, ки масъалаҳои васеъ кардани пажӯҳишҳои бунёдии илмӣ оид ба забони тоҷикӣ – забони давлатӣ ва модарии мо мавриди бознигарӣ қарор гирад ва ҳадди ақал дар сохтори Институт панҷ шуъбаи дигар оид ба таҳқиқи масъалаҳои забоншиносӣ ташкил шавад. Ин шуъбаҳо метавонанд чунин бошанд:

- Шуъбаи забони адабии ҳозираи тоҷик;
- Шуъбаи таърихи забони тоҷикӣ;
-Шуъбаи забонҳои эронии қадим ва миёна;
- Шуъбаи лаҳҷашиносӣ ва номшиносӣ;
- Шуъбаи забонҳои эронии шарқӣ.

Аз тарафи дигар масъалаҳои таҳқиқи худи илми забоншиносии умумӣ дар Тоҷикистон аз мадди назар дур мондааст. Ҳол он ки таҳқиқи масъалаҳои назарии забоншиносӣ асоси тамоми пажӯҳишҳои бунёдӣ ва амалии забоншиносӣ мебошад. Бинобар ин азбаски Тоҷикистон давлати мустақил ва соҳибистиқлол аст, зарурати таъсиси як муассисаи пажӯҳиши забоншиносии умумӣ бо дар назар гирифтани самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба забон пеш омадааст. Таъсиси чунин як муассисаи пажӯҳишӣ имкон медиҳад, ки на танҳо бахшҳои назарии забоншиносии умумӣ таҳқиқ шаванд, балки барои дуруст ба роҳ мондани сиёсати

давлатӣ оид ба забон, махсусан муносибати давлат нисбат ба забонҳои ақалиятҳои миллӣ мусоидат намояд.